Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-100- и
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит)

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ баланд бардоштани самаранокии идоракунии фаъолияти корхонаҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва ташаккули низоми боэътимоди иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Дар ин раванд комплекси агросаноатӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, коркарди ашёи хом ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ нақши назаррас дорад.

Дар чунин шароит истифодаи равиши экосистемавӣ ва технологияҳои рақамӣ барои муттаҳидсозии маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ ва буҷетӣ имкониятҳои нав фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ, ки ба мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар мисоли вилояти Хатлон бахшида шудааст, мубрам буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Автореферати пешниҳодшуда мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмет, асосҳои методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои бадастовардашударо фаро мегирад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот ба масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, арзёбии самаранокии қарорҳои идоракунӣ ва имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ҷанбаҳои мазкур имкон медиҳанд, ки низоми

баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҷамъоварии маълумоти муҳосибӣ, балки ҳамчун механизми муҳими таъминоти иттилоотию таҳлилии раванди идоракунии корхона баррасӣ гардад.

Мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда аз равишҳои системавӣ, комплексӣ ва экосистемавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва моделсозии иқтисодию риёзӣ истифода намудааст. Такя ба маълумоти оморӣ, ҳисоботи молиявӣ ва маводи воқеии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон барои таҳкими асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот замина фароҳам овардааст.

Натиҷаи дигари муҳими таҳқиқот таҳияи модели интегралии иқтисодӣ-риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ мебошад. Модели пешниҳодшуда омилҳои дохилии низоми баҳисобгирии идоракунӣ, аз ҷумла рақамикунонӣ, буҷетгузорӣ, фаъолияти марказҳои масъулият, мониторинги хароҷот ва ҳисоботи идоракуниро бо омилҳои экосистемавӣ, аз ҷумла ҳамгироии иштирокчиёни занҷираи арзиш ва мубодилаи иттилоот, алоқаманд менамояд. Ин равиш барои арзёбии маҷмуии омилҳои таъсиррасон ба натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳо заминаи методӣ фароҳам меоварад.

Ба андешаи мо, аҳаммияти илмии натиҷаҳои мазкур дар пайвастани асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ бо механизмҳои амалии назорати хароҷот, арзёбии самаранокии қарорҳо ва рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ифода меёбад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар рушди муқаррароти илмии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои экосистемаи аграрӣ дар мисоли вилояти Хатлон зоҳир мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи пешниҳодҳои муаллиф барои такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ, назорати хароҷот, банақшагирии буҷетӣ ва ҳамгироии иттилоот дар корхонаҳои агросаноатӣ ифода меёбад. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти расмии оморӣ ва ҳисоботи фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон истифода намудааст. Истифодаи усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ, муқоиса, гурӯҳбандӣ ва моделсозии иқтисодию риёзӣ барои таҳияи хулосаҳои илмӣ замина фароҳам овардааст.

Мазмуни автореферат бо мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот мутобиқат дошта, натиҷаҳои пешниҳодшуда ба масъалаҳои асосии мавриди омӯзиш алоқаманд мебошанд. Ҳамчунин, аз маълумоти муаллиф бармеояд, ки аз рӯйи мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ нашр гардида, аз ин шумораҷ 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Интишороти мазкур барои инъикоси натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо дар муҳити илмӣ замина фароҳам овардаанд.

Дар баробари арзёбии мусбати муҳтавои автореферат, бо мақсади такмили минбаъдаи ҷанбаҳои назариявию методӣ ва амалии таҳқиқот, зикри баъзе мулоҳизаҳо мувофиқи мақсад мебошад:

Якум, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки нишондиҳандаҳои миқдории арзёбии сатҳи ҳамгироии иттилоотии иштирокчиёни экосистемаи аграрӣ мушаххас карда шаванд, зеро ин имкон медиҳад, ки натиҷаҳои татбиқи равиши экосистемавӣ дақиқтар арзёбӣ гарданд.

Дуюм, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки меъёрҳои интихоби марҳилаҳои рақамикунонӣ бо дарназардошти имкониятҳои техникию молиявии корхонаҳои агросаноатӣ мушаххас гардида, самаранокии иқтисодии татбиқи онҳо тавассути арзёбии хароҷот ва натиҷаҳои бадастомада муайян карда шавад.

Эродҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии натиҷаҳои пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» масъалаи мубрами илмӣ ва амалиро фаро гирифта, ба ҳалли масъалаҳои такмили таъминоти иттилоотии идоракунӣ, назорати хароҷот, ҳамгироии марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш, инчунин рақамикунонии равандҳои баҳисобгирӣ равона шудааст.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот, аҳаммияти илмӣ ва амалии пешниҳодҳои манзургардида, инчунин мутобиқати мазмуну муҳтавои автореферат ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» дар сатҳи зарурии илмӣ ва

методологӣ таҳия гардида, ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Бо ин асос, диссертант Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи фаъолияти
бонкии ДДБ ба номи Носири Хусрав, Ҳамдамзода Х.А.

Нишонии Донишгоҳ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ, 67. Тел.: +(992 3322) 2-45-20, 2-22-53. btsu78@mail.ru

Имзои д.и.и, профессор Ҳамдамзода Х.А. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС